«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А.
______________________________
«__23__» _______________ 2025 с.

**ХУЛОСАИ**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Шералии Сайдалӣ соли 2010 ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи номбурдаро ро аз рӯи ихтисоси идораи давлатӣ ва маҳаллӣ соли 2014 бо дипломи аъло хатм намудааст.

Худи ҳамон сол ба шуъбаи магистратура аз рӯи ихтисоси менеҷмент дохил шуда, соли 2016 ихтисоси мазкурро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз соли 2017 то соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯй таҳсил карда, онро аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон хатм кардааст.

Фаъолияти худро аз соли 2016 ба ҳайси ассистент дар кафедраи фаъолияти биржавӣ ва коғазҳои қиматноки Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) оғоз намудааст. Аз соли 2018 ба ҳайси мутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими раёсати таълими Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст. Аз 31 декабри соли 2018 то соли 2025 ба ҳайси эдвайзер дар самти таълими шуъбаи фосилавии факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2025 то 04.08.2025 эдвайзер дар самти таълими шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқи иқтисодӣ ва гумруки Донишгоҳи давлатии молия ва

иқтисоди Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиашро идома додааст. Аз августи соли 2025 то ҳоло сармутахассиси раёсати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Шералии Сайдалӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи № 10/4.1 аз 31-уми майи соли 2021 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Абдулхайр Каримович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шералии Сайдалӣ имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), аз 19.11.2018, забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), аз 21.11.2019, дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва имтиҳони номзадӣ (минимум)-ро аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат бо баҳои 5 (аъло), аз 08.05.2025 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида, соҳиби шаҳодатнома (№637) гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон) чунин хулосаҳо бароварда шуд:

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Баҳои кори иҷрошуда.** Мушкилоти бозори меҳнат масъалаи маркази сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб мeёбад, чунки дар он манфиатҳои захираҳои меҳнатию корфармоён ва мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ҷой дошта, пешрафти бозори мазкур устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди иқтисодиётро таъмин менамояд. Бо назардошти шароиту имкониятҳои минтақаи Хатлон ва хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии он, бозори меҳнати минтақавиро бояд дар заминаи индустриалӣ–инноватсионӣ рушд дод. Ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ намудани малакаҳои мутахассисон, ҳалли мушкилоти номувозинатии бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат, аз байн бурдани вобастагии шуғли аҳолии қобили меҳнати минтақа аз вазъи бозори меҳнати кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои Аврупо, бунёди бозори меҳнати рақобатпазири ҷавобгӯй ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ дар сатҳи вилоят масъалаҳое мебошанд, ки

ҷиҳати такмили механизми идоракунии бозори меҳнат мусоидат менамоянд.

Дар шароити кунунӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон, давлатҳои алоҳида ва иқтисоди шаҳру вилоятҳои он омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Бозори меҳнат низ – унсури калидии низоми иқтисоди индустриалӣ–инноватсионӣ аз таъсири омилҳои мазкур дар канор нест. Дар ҳоле, ки захираҳои меҳнатӣ тамоюли мунтазами афзоишёбӣ (афзоиши миёнасолонаи аҳолии синну соли қобили меҳнат дар вилояти Хатлон-1,5%) ва ҷойҳои корӣ суръати ноустувори зиёдшавӣ доранд, яке аз мушкилотҳои асосии бозори меҳнати вилояти Хатлон барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, талаботи нокифояи соҳаҳои иқтисодӣ (ба истисноии соҳаи кишоварзӣ) ба қувваи корӣ ва дар шароити деҳот ҳаёт ба сар бурдани зиёда аз 80-82%-и аҳолии вилоят аз номутавозунии талаботу таклифоти бозори меҳнат шаҳодат медиҳад.

Ҳукумати мамлакат ташаккулу пешрафти бозори меҳнатро муҳим шуморида, бо мақсади рушди манотиқи деҳотнишини кишвар дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд менамояд, ки «....афзалиятҳои ҳар як минтақа дар асоси иқтидорҳои мавҷуда, вазъи ба миёномада дар бозори меҳнат ва хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, имкониятҳои воқеии амалисозии вазифаҳои аввалиндараҷа бароиояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бояд муайян карда шаванд».

Бозори меҳнат барои рушди дигар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дорад. Бозори меҳнати вилояти Хатлон дорои мушкилоти номутавозинии талаботу таклифоти қувваи корӣ (таъминоти шуғли танҳо 21-24%-и аҳолии синни қобили меҳнат), номувофиқии талабот вобаста ба ҳайати кадрӣ ва тахассусмандӣ мебошад. Вобаста ба ҳолатҳои ҷойдошта, яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар самти танзими бозори меҳнат татбиқи механизми мукаммали идоракунии он дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инновастионӣ маҳсуб меёбад. Нуқтаҳои зикршуда мубрам будани таҳқиқи механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ тасдиқ менамоянд, ки ҳамзамон муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро инъикос мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили унсурҳои механизми

идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити маҳдудияти ҷойҳои корӣ ташкил медиҳад.

Ба сифати бандҳое, ки унсурҳои навгонии илмӣ доранд ва мавқеи махсуси муаллифро дарҷ мекунанд, инҳо пешниҳод шуданд:

– бандубасти таърифи муаллифии “бозори меҳнат” ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки он ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ дар худ таҷассумкунандаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини мувозинати талаботу таклифот бо ҳаракати қувваи корӣ ва муносибатҳои ба он алоқамандро дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ фаро мегирад. Идоракунӣ ва хусусиятҳои он ҳамчун омили рушди бозори меҳнат муайян ва ошкор карда шуда, роҳҳои идоракунии мустақим, ғайримустақим ва шакли чорсатҳаи идоракунии бозори меҳнат ошкор ва пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи мо, барои ташкили ҷойҳои корӣ, вобаста ба ҳувияти миллӣ ва анъанаи мардум, рушд додани ҳунарҳои мардумӣ, ки он устувории молиявии хоҷагиҳои хонаводагиро таъмин мекунад, ба роҳ монда шавад. Рушд додани сайёҳӣ ва инфрасохтори он дар идоракунии бозори меҳнат бояд номгӯйи таркиби талаботро ба қувваи корӣ дарбаргиранда бошад;

– ҳолати муосири идоракунии бозори меҳнат дар соҳаҳои иқтисодӣ нишон дод, ки ҳоло ҳам қувваи корӣ дар бозори меҳнат то ба дараҷае рақобатпазир набуда, дар бозори меҳнати вилояти Хатлон мушкилоти асосӣ ин барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ ва номувофиқии таклифот ва талабот ҷой дорад. Бо рушди иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, ки соҳаҳои нави фаъолият мебошад, замина, таҳсилот, касбомӯзӣ ва такмили тахассуси ба он мувофиқ пайдо шуда, идоракунии ин равандро метавонанд таъмин намоянд. Динамикаи афзояндаи бо шуғл таъминшавии аҳолӣ дар вилоят дар натиҷаи таҳлили SWOT маълум гардида, дар заминаи арзёбии омилҳои ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсиррасон ошкор карда шуд, ки макроомилҳо тавассути тамоили рушди иқтисоди миллӣ ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсир расонида, мезоомилҳо ба воситаи иқтисодиёти сатҳи минтақавӣ метавонанд ба он таъсир ва мусоидат намояд, таъсири микроомилҳо низ муайян карда шуд. Низоми омилҳо, ба мисли омилҳои молиявию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, табиию ҷуғрофӣ муайян карда шуда, шарҳи муаллифии он дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ-инноватсонӣ пешниҳод карда шудааст. Дар баробари ин, омилҳои таъсири манфирасонанда ба бозори меҳнати вилоят муайян карда

шуданд, ки бартарафсозии онҳо метавонад мувозинати идоракунии бозори меҳнатро таъмин намояд;

– муайян карда шуд, ки дастгирӣ ва такмили механизми давлатии бозори меҳнат ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мусоидат намудан ба шуғли аҳолии вилояти Хатлон, таъмин, бунёд, татбиқ, пешгирӣ, муттаҳид, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозиро дар бар мегирад. Танзими дусатҳаи бозори меҳнати вилояти Хатлон дар чорчӯбаи индустриалӣ-инноватсионӣ пешниҳод карда шуд. Консепсияи муаллифӣ оид ба афзалиятҳо ва норасогиҳои муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ тартиб дода шуда, бо унсурҳояш пешниҳод карда шудааст, инчунин як қатор хусусиятҳои хоси шуғл ва бекорӣ, ба мисли сифат, ҳудуд, суръат, таносуб, шакли нав, норасоӣ ва мушкилот асоснок карда, нишон дода шудаанд. Неруи инноватсионии меҳнатии вилоят дар муҳити дохилию берунӣ ва роҳҳои ташаккулу мукаммалгардонии он дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст.

– такмили механизми калидӣ ва идоракунии бозори меҳнати мамлакат ва минтақаҳо, инчунин самти стратегии такмили он низ бо шарҳи муаллифӣ пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф, механизми фаъоли бозори меҳнати вилояти Хатлон бояд марҳилаи бунёд ва рушдро гузарад. Ошкор гардид, ки дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ механизми болозикри бозори меҳнат замоне таъмин мегардад, ки агар баробари пешрафти фаъолияти инноватсионӣ сатҳу сифати неруи кадрӣ, қобилияти зеҳнии онҳо баланд бардошта шаванд. Унсурҳои таркибии механизм ва роҳҳои идоракунии захираҳои меҳнатии бозори меҳнат пешниҳод карда шуданд. Амсилаи ташаккулёбӣ ва такмили механизми низоми идоракунӣ дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– консепсияи муаллифие пешниҳод шудааст, ки тибқи он идоракунии ҳамаҷонибаи бозори меҳнат дар иқтисоди индустриалию инноватсионӣ як системаи бисёрқабата ва бисёромилае мебошад, ки пеш аз ҳама ба таъмини тавозуни тақозо ва арзаи қувваи корӣ дар бозори мазкур такя мекунад ва ҳамчун унсурҳои пурракунанда, бо назардошти хусусиятҳои хоси бозори меҳнати дохилӣ, рушди ҳунарҳои анъанавии миллӣ ва сайёҳиро барои ташкили ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани

устувории молиявии хонаводаҳо ва рушди устувори иқтисодиро дар бар мегирад.

– исбот гардидааст, ки таҳияи системаи идоракунии бозори меҳнати минтақавӣ дар асоси тасниф, ошкоркунии омилҳои мусоидаткунанда ва безараргардонии омилҳои манфии бо таҳлили SWOT муайяншуда ва мутобиқ гардонидани инфрасохтори таълимӣ ба ниёзҳои иқтисоди индустриалию инноватсионӣ механизми калидӣ барои ноил шудан ба тавозуни байни тақозо ва арза ва баланд бардоштани рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ дар минтақа мебошад.

– маълум гардидааст, ки шарти асосии бартарафсозии номутавозунӣ дар бозори меҳнат ва таъмини рушди устувор ва мутавозини он дар шароити дигаргунсозиҳои индустриалию инноватсионии иқтисодиёт асосноккунии назариявӣ-методологӣ ва татбиқи амалии низоми дуқабатаи танзими бозори меҳнат мебошад, ки механизмҳои дастгирии давлатии шуғл ва идоракунии иқтидори инноватсионии меҳнатро дар сатҳи минтақавӣ муттаҳид мекунад.

– модели консептуалӣ ва механизми фаъоли идоракунии бозори меҳнат таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки ба баланд бардоштани сифати иқтидори кадрӣ ва иқтидори зеҳнии захираҳои меҳнатӣ нигаронида шуда, ҳамчун шарти императивӣ барои бавуҷудой ва шаклгирии иқтисоди инноватсионӣ ва таъмини рушди муносиб ва устувори иҷтимоию иқтисодӣ ҳам дар сатҳи макро ва ҳам мезо баромад мекунад.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои рушди назарияи идоракунии бозори меҳнат ва устуворгардонии заминаҳои назариявӣ-методологии низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия овардашуда барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон аз тариқи ҷорӣ намудани онҳо дар барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ имконияти истифодабарӣ доранд. Ба инобат гирифтани пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон имкон медиҳад, то самаранокии фаъолияти бозори меҳнати он таъмин карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар натиҷаи аз гузаронидани таҷрибаҳо бадастомада, дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои тақризшаванда тасдиқ мегардад. Хулосаю тавсияҳо бар таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назаривӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ мутобиқ гардонида шудааст. Объект, предмет ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.12-Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунанд: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра). 2.Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он. 6.Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимой-иқтисодӣ). 20.Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф мустақилона ба анҷом расонида шудаанд. Муаллиф дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро омӯхта, роҳҳои такмили механизми идоракунии онро таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмии муаллифи диссертатсия оварда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дохили донишгоҳии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ (солҳои 2021-2025) борҳо муҳокима ва эътироф карда шудаанд. Тавсияҳои назариявӣ-методӣ ва амалии дар диссертатсия ҷойдошта дар рафти таълим, ҳангоми гузаронидани дарсҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Иқтисоди миллӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Бозори меҳнат», «Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат», «Таҳлили

нишондиҳандаҳои меҳнатӣ» мавриди истифода қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон барои истифода пешниҳод шудаанд, ки санад оид ба татбиқи онҳо мавҷуд аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардидаи муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 4,0 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Таҳқиқоти анҷомшуда бо муқаррароти ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қонунҳо, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат, барномаҳо, консепсияҳо ва ғайра), ки ба рушди бозори меҳнат, пеш аз ҳама такмили механизми идоракунии он бахшида шудаанд, марбут мебошад.

**Мавҷудияти санади тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ДДМИТ аз 05.05.2025 мавҷуд ҳаст.

## ИНТИШОРОТИ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М].** Шералии С. Асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат / С. Шералӣ // Паёми «Молия ва иқтисод» (маҷаллаи илмӣ).– Душанбе: 2021.– №4/1 (29).– С.252-259. ISSN: 2663-0389

**[2-М].** Шералии С. Бозори меҳнати вилояти Хатлон-ташаккул ва рушди он / С.Шералӣ // Паёми «Молия ва иқтисод» (маҷаллаи илмӣ).– Душанбе: 2022.– №2 (31).– С.229-235. ISSN: 2663-0389

**[3-М].** Шералии С. Хусусиятҳои идоракунии минтақавии бозори меҳнат / С. Шералӣ А.К., Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).– 2022.– №3 (42).– С.235-242. ISSN: 2308-054X

**[4-М].** Шералии С. Танзими давлатии бозори меҳнат дар вилояти Хатлон / С.Шералӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши

илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2023.– № 1.– С. 53-58. ISSN: 2413-5151

**[5-М].** Шералии С. Рушди равандҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба бозори меҳнат / С.Шералӣ // Паёми «Молия ва иқтисод» (маҷаллаи илмӣ).– Душанбе: 2023.– №2 (36).-С.407- 416. ISSN: 2663-0389

**[6-М].** Қурбонов А.К., Шералии С. Такмили идоракунии бозори меҳнати минтақаи Хатлон ҳамчун зерсистемаи иҷтимоӣ – иқтисодии минтақа / А.К. Қурбонов, С. Шерали // Маҷалаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.- 2023.– № 3 (100).-С.167-171. ISSN: 2074-5435

**[7-М].** Курбонов А.К., Шералии С. Анализ факторов развития рынка труда в Республике Таджикистан / А.К. Курбонов, С. Шерали // научно – аналитический журнал «Финансовая экономика».- 2024.– № 12. ISSN: 2075-7786

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[8-М].** Шералии С. Бозори меҳнат дар шароити рушди технологияи рақамӣ / С.Шерали // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он».– Душанбе: 2022.– С.240-244.

**[9-М].** Шералии С. Таҳлили омории захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.Шерали // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон».– Душанбе: 18.11.2022.– С.196-198.

**[10-М].** Шералии С. Вазъи кунунии захираҳои меҳнатӣ ва истифодабарии онҳо дар соҳаи кишоварзӣ / С.Шерали // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯи «Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ» (Бахшида ба рӯзи молиячиён).– Душанбе: 6.12.2022.– С.312-315.

**[11-М].** Шералии С. Такмили роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / С.Шерали, А.Б. Гулов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо».– Душанбе: 11.03.2023.– С.342-348.

Дар маҷлиси кафедраи менеҷмент пас аз баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи Шералии С. дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон) чунин

**қарор қабул карда шуд:**

1.Баромади Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, тақризҳои муқарризони расмӣ Алишоев Х.Ҳ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Урунбоев А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Хамидов А.Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов Абдулхайр Каримович ба инобат гирифта шавад;

2.Диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267" тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3.Диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкор гардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 34-нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 10-нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 10- нафар, Зид - нест, Бетараф – нест, Иштирок надошт 1-нафар.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, протоколи №10 аз «20» майи 2025 с қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти ДДМИТ — Назарамонова Д.М.

**Котиби ҷаласа:**
номазади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти ДДМИТ — Хуррамова З.М.

Дурустии имзоҳои Назарамонова Д.М. ва Хуррамова З.М.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.

«23» 05 соли 2025